«Тасдиқ мекунам»:
Ректори Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба номи Носири Хусрав,
доктори илмҳои иқтисодӣ,
профессор ________Қурбонзода М.Р.
«_28_» ____06______ с. 2025

# ХУЛОСАИ
## Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»

Диссертатсияи Разоқов Ҷовидон Ҳисайнович дар мавзуи «Вазъияти муосир ва дурнамои рушди ҳамаҷонибаи ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Туркия» (солҳои 2012-2023) барои дарёфти дараҷаи илми номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.15. – Таърихи равобити байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ (илми таърих) дар кафедраи сиёсатшиносӣ ва муносибатҳои байналхалқии факултети сиёсат ва идораи давлатии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав иҷро шудааст.

Дар ҷараёни омода намудани диссертатсия Разоқов Ҷовидон Ҳисайнович ҳамчун унвонҷуйи кафедраи сиёсатшиносӣ ва муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ба шумор мерафт.

Разоқов Ҷовидон Ҳисайнович соли 2003 ба шуъбаи рӯзонаи факултети таърихи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, онро соли 2008 хатм намудааст.

Номбурда бо фармоиши ректори Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав аз 12.01.2019 ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи сиёсатшиносӣ ва муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав қабул карда шудааст.

Мавзуи рисолаи диссертатсионии Разоқов Ҷовидон Ҳисайнович дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири

Хусрав аз 30.03.2021, №08 тасдиқ гардидааст. Инчунин бо қарори маҷлиси мазкур роҳбари илмии унвонҷӯ доктори илмҳои сиёсӣ, профессор Саидов Ҳомид Саидович таъин гардидааст.

Разоқов Ҷовидон Ҳисайнович имтиҳонҳои номзадиро аз фанҳои зерин бомуваффақият супоридааст: аз фанни таърих ва фалсафаи илм 31.01.2023 бо баҳои 4 (хуб), аз фанни забони хориҷӣ (англисӣ) 31.01.2025 бо баҳои 5 (аъло), ва аз ихтисоси таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ 05.05.2025 бо баҳои 5 (аъло). Аз 12.05.2025, №25/01-08 ба Разоқов Ҷовидон Ҳисайнович маълумотнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ дода шудааст.

Диссертатсия дар маҷлиси якҷояи кафедраҳои таърихи халқи тоҷик, сиёсатшиносӣ ва муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав аз 24.06.2025, №10 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсия дар мавзуи «Вазъияти муосир ва дурнамои рушди ҳамаҷонибаи ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Туркия» (солҳои 2012-2023) чунин хулоса қабул карда шуд:

**Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва мӯҳтавои диссертатсия.** Диссертатсияи Разоқов Ҷовидон Ҳисайнович дар мавзуи «Вазъияти муосир ва дурнамои рушди ҳамаҷонибаи ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Туркия» (солҳои 2012-2023) барои дарёфти дараҷаи илми номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.15. – Таърихи равобити байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ (илми таърих) мутобиқат дорад. Дар таҳқиқоти мазкур таъкид гардидааст, ки муносибатҳои иқтисодӣ, дар ҷаҳони муосир бештар афзоиш пайдо кардааст, чунки дар шароити геополитикии имрӯза вобастагии кишварҳои олам аз якдигар бамаротиб афзоиш пайдо кардааст. Вобастагии мутақобилаи кишварҳо дар робита ба рушди илми муосир,

ҷорӣ намудани технологияҳои нав, ташаккули бозорҳои ҷаҳонии мол, инчунин эҳтиёҷ ба маъданҳои фоиданок ва ашёи хом аҳаммияти истисноӣ дорад.

**Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ.** Диссертатсияи Разоқов Ҷовидон Ҳисайнович дар мавзуи «Вазъияти муосир ва дурнамои рушди ҳамаҷонибаи ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Туркия» (солҳои 2012-2023) барои дарёфти дараҷаи илми номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.15. – Таърихи равобити байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ (илми таърих) ба талаботи бандҳои 32 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26.06.2023, №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

**Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 6 мақолаи илмӣ нашр карда шудаанд, ки 4 адади онҳо дар маҷалаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд, ки онҳо фарогирандаи мазмун ва моҳияти диссертатсия мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад.

**Мавҷудияти санадҳои тасдиқкунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо.** Натиҷаҳои таҳқиқот, хулосаҳои илман асоснокшуда ва умуман маводи диссертатсия дар раванди таълими фанҳои таърихи халқи тоҷик, таърихи умумӣ, сиёсатшиносӣ метавонанд истифода бурда шаванд.

**Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объект ва предмети таҳқиқот аз ҷониби довталаби

дараҷаи илмӣ мустақилона муайян карда шудааст. Мушаххас намудани масъалаҳои асосии таҳқиқот, коркард ва тафсири маълумотҳои бадастомада, коркарди муқаррароти назариявӣ ва методӣ, ва пешниҳод намудани тавсияҳои амалӣ натиҷаи фаъолияти илмию таҳқиқотии чандинсолаи ӯ мебошад. Хулосаҳое, ки дар диссертатсия ба назар мерасанд, натиҷаи таҳқиқи мустақилонаи довталаб ба шумор меравад. Довталаби дараҷаи илмӣ дар ҳамаи марҳилаҳои таҳқиқи мавзуъ иштироки бевосита намуда, натиҷаҳои асосии таҳқиқоти худро дар шакли мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо таҳия кардааст. Ӯ дар таҳқиқоти худ муайян мекунад, ки ҳамкориҳои дуҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Туркия барои ҳарду ҷониб ниҳоят судманд мебошад.

Диссертатсияи Разоқов Ҷовидон Ҳисайнович дар мавзуи «Таҳаввули муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Туркия дар ибтидои асри XXI раванди рушди ҳамкориҳо» ба ихтисоси интихобшуда пурра мувофиқат мекунад.

Диссертатсияи Разоқов Ҷовидон Ҳисайнович дар мавзуи «Вазъияти муосир ва дурнамои рушди ҳамаҷонибаи ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Туркия» (солҳои 2012-2023) аз номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, ду боб, панҷ зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Вобаста ба мавзуъ ва масоили таҳқиқоти диссертатсионӣ 6 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои илмии дар феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид буда, интишор гардидааст.

Мундариҷаи асосии таҳқиқот аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст:

**I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд:**

1. Саидов Ҳ.С; Разоқов Ҷ.Ҳ. Турецкая Республика: развитие международных отношений на современном этапе в контексте доктрины

«стратегическая глубина». Вестник Таджикского национального университета, №10, 2023 саҳ 35-42.

2. Саидов Ҳ.С; Разоқов Ҷ.Ҳ. О некоторых особенностях формирования таджикско-турецкого партнерство в афганском направлении. Вестник Таджикского национального университета, №11/часть II, 2023 саҳ 15-20.

3. Разоқов Ҷ.Ҳ. Хусусиятҳои ташаккули муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Туркия дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ (солҳои 1992-2014) Паёми ДМТ, №6 қисми I, 2024 саҳ 40-45

4. Разоқов Ҷ.Ҳ. Тоҷикистон дар заминаи стратегияи геополитикии Ҷумҳурии Туркия. Маҷаллаи байналмилалии «Фуруғи илм»-и назди Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. № 2. 2025 саҳ 51-57

**II. Мақолаҳо ва фишурдаи интишорот дар маҷмуаҳои дигар:**

1. Заминаҳои барқароршавии муносибатҳои дипломатӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Туркия. Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Ҳадафҳои геополитикии Тоҷикистон: мушкилиҳо ва дурнамои инкишоф» Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
   саҳ 87-91 Разоқов Ҷ.Ҳ. 3.05.2025 ш. Душанбе.
2. Вазъи имрӯза ва дурнамои ҳамкориҳои гуногунҷабҳаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Туркия. Маводи конференсияи илмӣ – амалӣ ҷумҳуриявии дар мавзуи «Вазъият ва дурнамои амнияти иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон». Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. саҳ 96-103 Разоқов Ҷ.Ҳ. 13.06.2025 ш. Бохтар.

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Диссертатсияи Разоқов Ҷовидон Ҳисайнович дар мавзуи «Вазъияти муосир ва дурнамои рушди ҳамаҷонибаи ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Туркия» (солҳои 2012-2023) барои дарёфти дараҷаи илми номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.15.

– Таърихи равобити байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ (илми таърих) кори таҳқиқотии анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Разоқов Ҷовидон Ҳисайнович дар мавзуи «Вазъияти муосир ва дурнамои рушди ҳамаҷонибаи ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Туркия» (солҳои 2012-2023) барои ҳимоя ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА–024-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯй ихтисоси 07.00.15. – Таърихи равобити байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ (илми таърих) тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи якҷояи кафедраҳои таърихи халқи тоҷик, сиёсатшиносӣ ва муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав санаи 24.06.2025 қабул гардидааст.

Иштирок доштанд: ҳамагӣ – 16 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 16 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест.

Раис: мудири кафедраи сиёсатшиносӣ
ва муносибатҳои байналхалқии МДТ
«Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав» профессор Саидов А .С.

Котиби маҷлис н.и.т Одиназода Н.Ҳ.

Имзои Саидов А.С. ва Н. Одиназодаро
тасдиқ менамоям:
Сардори ШК ва КМ МДТ «ДДБ
ба номи Носири Хусрав», дотсент: Исозода Т.И.

24.06.2025

**Нишонӣ**: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Бохтар,
кӯчаи Айнӣ, 67, Донишгоҳи давлатии Бохтар ба
номи Носири Хусрав Тел. 2-54-81 www.btsu.tj
E-mail: bgu-1978.@mail.ru